Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешбинӣ гардидааст.**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар шароити нави хоҷагидорӣ оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ вазифаи муҳим ин азхудкунии ҳудудҳои хушкшуда мебошад. Барҳам додани шароити кӯҳна ва ташаккули нави хоҷагидорӣ, тағйир додани сиёсати иқтисодӣ ва усулҳои танзими давлатии сармоягузорӣ ба рушди кишоварзии обёришаванда мусоидат менамояд. Ҳолати самаранокии рушди кишоварзии обёришаванда дар минтақаҳои хушк дар шароити муосир бо хеле кам шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳосили зироат, ҳосилхезии хок, таназзул ва нобудшавии заминҳои обёришаванда, зараровар будани соха тавсиф мегардад.

Аҳамияти ҳалли масъалаҳои мазкур дар коркарди чорабиниҳои мукаммалгардонии рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа, метавонанд ба баланд гардидани самаранокии заминҳои обёришаванда, оқилона истифодабарии захираҳои табиӣ, ҷалб намудани сармоягузориҳои иловагӣ ба иқтисодиёти минтақа, махсусан дар самти аграрӣ, такмил додани сиёсати молиявӣ-қарзӣ ва мукамалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ мусоидат намояд.

Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар самти кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон характери мӯҳим доранд, ки хусусияти иқтидори таъминотии захиравии минтақаро нишон медиҳанд. Дар раванди таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории самти кишоварзии обёришавандаи минтақа, ки аз тарафи маъмурияти вилояти Хатлон барои амалинамоӣ пешбини мегарданд, сатҳи асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории самти кишоварзии обёришаванда бояд муайян карда шаванд ва барои ин бевосита зарурияти танзими давлатии сармоягузорӣ ба миён меояд.

Минтақаи Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеъи ҷалби сармоягузориро дар рушди

кишоварзии обёришаванда дорад, аммо дар ин самт мебоист корҳои илман асосноккардашудаеро пешниҳод намуд, ки дар оянда дар самаранокии ҳамворакунии рушди фазоӣ хизмат намояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосӣ дар 174 саҳифа баён гардидааст. Дар кори илмӣ 26 ҷадвал, 6 расм ва 6 диаграмма мураттаб гардида, феҳрасти адабиёти истифодашуда 194 маъхазро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссерататсионӣ ва замонавӣ будани он асоснок карда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, нуктаҳои навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ дода шудааст.

**Боби 1.** «Асосҳои назариявии сармоягузории минтақавӣ дар соҳаи кишоварзии обёришаванда» ном дошта, дар он ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришаванда, хусусиятҳои сармоягузорӣ ва нақши он дар раванди такрористеҳсоли кишоварзии минтақа, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Боби 2.** «Ҳолати имрӯзаи сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда дар вилояти Хатлон» унвон дошта, дар он таҳлил ва муайянсозии вазъи имрӯзаи сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда, сарчашмаи асосии сармоягузорӣ барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлон, арзёбии самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст.

**Боби 3.** «Роҳҳои такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон» ном дорад ва дар он самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон ва такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар кишоварзии обёришавандаи вилоят пешниҳод карда шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз коркарди самтҳои ояндадори сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақаи Хатлон иборат мебошад. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф

мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод менамояд, аз инҳо иборатанд:

1. Дар доираи омӯзиши таҳқиқотҳои назарияи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда таърифи нав, ба шакли зайл: «Сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори обёрии заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, баланд бардоштан ҳосилнокии замин, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ ва дар натиҷа ба даст овардани фоида мебошад», пешниҳод карда шудааст;

2. Дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа, амалӣ намудани таҷрибаҳои Федератсияи Россия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар шароити камчинии сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди кишоварзии обёришаванда дар вилояти Хатлон тавсия карда шудааст;

3. Дар асоси таҳлили вазъияти имрӯза ва сарчашмаи асосии сармоягузорӣ оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда камбудӣ ва мушкилоти ҷойдошта, аз ҷумла норасоии захираҳои сармоягузорӣ, аз меъёр зиёд будани қарздории истифодабарандагони об дар вилояти Хатлон ошкор гардидааст;

4. Бо истифода аз усули арзиши ҷории соф лоиҳаҳои сармоягузории вилояти Хатлон арзёбӣ гардида, нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии барқароркунӣ дар доираи лоиҳаи «Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ноҳия»-ҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ муайян карда шуд.

5. Самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа муайян, модели регрессионӣ барои заминҳои обёришаванда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ таҳия, нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодии вилояти Хатлон то соли 2030 пешгӯӣ карда шуд;

6. Роҳҳои такмили идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии обёришавандаи вилояти Хатлон тавассути самтҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ, роҳҳои татбиқи сармоягузорӣ, механизми идоракунии сармоягузорӣ дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ пешниҳод карда шуд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертант дар асоси таҳлилҳои худ муайян намудааст, ки дар адабиёти иқтисодӣ таърифи мушаххас оид ба

сармоягузории кишоварзии обёришавандаи минтақа аз ҷониби таҳқиқгарони соҳа то ҳол пешниҳод нагардидааст (саҳ. 27). Ин нуқтаҳоро асос намуда, дар асоси фарзияҳои олимони хориҷию ватанӣ назарияи муаллифии худро оид ба сармоягузорӣ ба рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа чунин пешниҳод намудааст (18).

Ғайр аз ин, дар диссертатсия гуфта мешавад, ки дар асоси омӯзиши таҷрбаи мамлакатҳои хориҷ ва ҳамҷавор, татбиқи таҷрибаҳои Федератсияи Россия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар шароити камчинии сарчашмаҳои сармоягузорӣ барои рушди кишоварзии обёришаванда дар минтақаи Хатлон тавсия дода мешавад (саҳ. 58).

Дар баробари ин муаллиф чунин тавсия менамояд, ки барои таъмини рушди муътадили соҳаи кишоварзии обёришаванда, таҳкими амнияти иқтисодӣ ва технологии он технологияҳои инноватсиониро ҷорӣ кардан зарур аст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он имкон медиҳад. Ба туфайли ин технологияҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти умумӣ, беҳтарсозии сифати он, кам кардани сарфи захираҳо ноил шудан мумкин аст, ки ин дар навбати худ, самара ва даромаднокии истеҳсолоти кишоварзиро зиёд мекунад (саҳ. 90).

Илова бар ин аз тарафи диссертант бо истифода аз усули арзиши ҷории соф (NPV), баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаи Хатлон муайян карда шуд, ки дар тамоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои беҳтар намудани сатҳи обёрии заминҳо дар вилояти Хатлон самаранокӣ дида мешавад. Инчунин, тавсия гардидааст, ки дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ бояд аз тарафи давлат ба воситаи ӯҳдадориҳои қарзии имтиёзнок ва ҷалби захираҳои грантӣ барои татбиқи ин лоиҳаҳо ҳал карда шаванд (саҳ. 106).

Собит карда шудааст, ки яке аз усулҳои ояндадори ҳалли муаммои истифодаи самараноки об ин таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои обёрии зироатҳои кишоварзӣ дар шароити минтақаи Хатлон истифодаи зериплёнкагии кишти зироатҳо, обёрии қатрагӣ, усули боронӣ, дохилихокии обёрӣ, усули чӯякҳо ва истифодаи системаи қубурҳо мебошад. Зеро дар ин ҳолат обёрӣ, аз як тараф, ба ниҳолҳо додани нуриро самаранок менамояд, аз тарафи дигар, нурӣ самаранокии истифодаи обро таъмин менамояд. Аз ин ҷо истифодаи омехтаи об ва нурӣ хароҷоти меҳнатро кам намуда, самараи онро меафзояд. Тавсия дода шудааст, ки истифодаи чунин усулҳои пешрафтаи обёрии заминҳои кишоварзӣ нисбат ба усули маъмулии обёрӣ самаранок мебошад (саҳ. 143).

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 10 кори илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаву нашриёҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудааст, нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзӯи диссертатсия 4,5 ҷ.ч. ташкил медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дастовардҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида, ба талаботи шиносномаи таҳқиқоти илми ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба бандҳо: 1.6. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объект, захираҳо ва самаранокӣ; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хоҷагии қишлоқ; 1.25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Муҳити инвеститсионӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо мутобиқат дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Тахассуси илмии Холов Тоҷиддин Азизуллоевич довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои якчанд камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Хуб мешуд агар ӯнвонҷӯ дар баробари ҷалби сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақаи Хатлон, дигар минтақаҳоро низ таҳлил намуда, мисолҳои мушаххастар нишон медод;

2. Ба манфиати кори диссертатсионӣ мебуд, агар унвонҷӯ лоиҳаҳои сармоягузории самти кишоварзӣ ва обёрӣ ва обтаъминкунӣ ва канализатсия дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2016-2020-ро, истифода аз усулҳои гуногуни баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳлил ва самаранокии онҳоро хулосабарорӣ менамуд;

3. Унвонҷӯ дар кори диссертатсионӣ сарчашмаҳои сармоягузориро дар самти рушди кишоварзии обёришаванда хуб тасвир намудааст, аммо хуб мешуд, ки бо назардошти таъминоти захиравӣ ва иқтидорӣ минтақа, роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бо назардошти имтиёзҳои мавҷудбадаро инъикос менамуд;

4. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ мебошад. Баъзе ҷадвалҳои оморӣ аз нуқтаи назари ороиш дуруст нишон дода нашудаанд;

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизуллоевич ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

Умуман диссертатсия дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснокгардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта ва муаллифи он Холов Тоҷиддин Азизуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**Декани факултети молия ва қарзи**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Сафоев А.К.**

Нишона: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734055 ш. Душанбе хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+ 992 37) 234 88 00, факс: 234 88 02
Web: www.iutet.tj. E-mail: dsx_ips@mail.ru
E-mail: safoev@list.ru, Тел: +992 93 457 82 82; +992 907 73 32 47

Имзои декани факултети молия ва қарзи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Сафоев А.К.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.